# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи: «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ.** Диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» аз рӯйи мазмун, масъалагузорӣ, ҳадафу вазифаҳо ва натиҷаҳои илмии бадастомада ба самтҳои ихтисосҳои 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад. Дар диссертатсия масъалаҳои таърихии ташаккули ҳуқуқ ба манзил, моҳияти назариявӣ ва ҳуқуқии он, ҷойгоҳ дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ, инчунин кафолатҳо ва механизмҳои ҳимояи ин ҳуқуқ мавриди омӯзиши пайгирона қарор гирифтаанд.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи диссертатсия пеш аз ҳама бо ҷойгоҳи махсуси ҳуқуқ ба манзил дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян мегардад. Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои асосии иҷтимоӣ буда, амалишавии он бо таъмини зиндагии шоиста, амнияти иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, устувории оила ва истифодаи воқеии дигар ҳуқуқҳои конститутсионӣ робитаи мустақим дорад. Дар диссертатсия дуруст таъкид шудааст, ки манзил на танҳо ҷойи истиқомат, балки муҳити асосии ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, шарти рушди шахсият ва унсури муҳимми амнияти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Аҳаммияти мавзуъ дар шароити имрӯза боз ҳам бештар мегардад, зеро рушди муносибатҳои бозорӣ, афзоиши сохтмони манзил, тағйирёбии шаклҳои моликият, густариши муносибатҳои иҷоравӣ ва болоравии арзиши манзил масъалаҳои нави ҳуқуқиро ба миён овардаанд. Бо вуҷуди афзоиши ҳаҷми сохтмони манзил, дастрасии воқеии шаҳрвандон ба манзили муносиб ҳамеша таъмин намегардад. Махсусан, барои маъюбон, оилаҳои камбизоат ва серфарзанд, модарони танҳо ва дигар гурӯҳҳои осебпазир имконияти харидорӣ ё сохтани манзил маҳдуд боқӣ мемонад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки баланд будани нархи манзил нисбат ба сатҳи даромади аҳолӣ яке аз омилҳои асосии маҳдуд гардидани амалишавии ҳуқуқ ба манзил мебошад.

Мубрамияти таҳқиқот ҳамчунин аз зарурати такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои манзилӣ бармеояд. Қабули Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ҷорӣ гардидани институти кирояи иҷтимоӣ, танзими нави масъалаҳои бақайдгирӣ, истифода ва ҳифзи фонди манзил зарурати таҳлили илмии самаранокии меъёрҳои амалкунандаро ба миён овардааст. Дар чунин шароит муайян намудани мазмун ва ҳудуди ҳуқуқ ба манзил, кафолатҳои амалишавии он ва уҳдадориҳои давлат аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Ҷанбаи дигари мубрамияти мавзуъ ба амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ алоқаманд мебошад. Дар муносибатҳои манзилӣ баҳсҳо оид ба ҷудо намудани қитъаи замин, иҷрои шартномаҳои сохтмонӣ, манзилҳои ба гарав гузошташуда, тақсими манзили меросӣ, маскун кардан, кӯчонидан ва бартараф намудани монеаҳо барои истифодаи манзил ба вуҷуд меоянд. Мавҷудияти чунин баҳсҳо нишон медиҳад, ки танҳо муқаррар намудани ҳуқуқ ба манзил дар сатҳи қонунгузорӣ кофӣ набуда, механизмҳои самараноки ҳимояи он низ заруранд. Аз ҷумла, ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2022 вобаста ба чунин масъалаҳо 36 муроҷиат ворид гардидааст.

Дар баробари ин, мавзуъ аз нуқтаи назари муқоисавӣ ва байналмилалӣ низ аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Ҳуқуқ ба манзил дар санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури сатҳи муносиби зиндагӣ ва зиндагии шоиста эътироф гардидааст. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва муқоисаи механизмҳои онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои муайян намудани роҳҳои самараноки такмили сиёсати манзилӣ, рушди манзили иҷтимоӣ ва ҳифзи гурӯҳҳои эҳтиёҷманд мусоидат намояд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи маҷмуии ҳуқуқ ба манзил аз ҷиҳати назариявӣ барои рушди мафҳум, мазмун ва ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқҳои инсон, аз ҷиҳати амалӣ бошад, барои такмили қонунгузорӣ, рушди механизмҳои судӣ ва ғайрисудии ҳимоя, беҳтар намудани сиёсати давлатии манзил ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон аҳаммияти муҳим дорад. Худи муаллиф низ зарурати такмили заминаи ҳуқуқӣ, рушди механизмҳои манзили иҷтимоӣ, қарзҳои имтиёзнок ва ҳифзи самараноки ҳуқуқ ба манзилро ҳамчун самтҳои муҳим пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, интихоби мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» саривақтӣ, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва барои рушди қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти назаррас мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода

меёбад, ки муаллиф ҳуқуқ ба манзилро дар пайванди ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ, конститутсионӣ ва амалӣ мавриди таҳлили маҷмуӣ қарор додааст. Дар қисмати нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф марҳилаҳои таърихии ташаккули ҳуқуқ ба манзил, даврабандии рушди он дар замони соҳибистиқлолӣ, мафҳуми механизмҳои ҳимоя, гурӯҳбандии ин механизмҳо ва пешниҳоди мушаххаси қонунгузориро асоснок намудааст.

Аз ҷумла, яке аз нуктаҳои муҳимми илмӣ даврабандии ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ба манзил дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. Муаллиф ин равандро ба чор марҳилаи асосӣ ҷудо намуда, ҳар яке аз онҳоро бо муҳити таърихӣ ва меъёрии дахлдор пайваст менамояд: давраи зардуштӣ, давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ, давраи шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ.

Навгонии дигар ба даврабандии рушди ҳуқуқ ба манзил дар даврони соҳибистиқлолӣ дахл дорад. Дар диссертатсия се давра пешниҳод шудааст: солҳои аввали 1990 то қабули Кодекси манзили соли 1997; солҳои 1997-2022; ва давраи пас аз қабули Кодекси манзили соли 2022 то имрӯз. Ин даврабандӣ имконият медиҳад, ки тағйирёбии муносибатҳои моликиятӣ ва рушди қонунгузории манзил дар пайванди мантиқӣ нишон дода шавад.

Нуктаи назариявии муҳим таърифи муаллифии механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил мебошад. Муаллиф чунин механизмҳоро ҳамчун роҳ ва воситаҳои ҳуқуқии ҳимояе маънидод менамояд, ки дар шаклҳои судӣ, ғайрисудӣ ва ҷамъиятӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва худи шахс амалӣ гардида, ба таъмини воқеии ҳуқуқ ба манзил мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, механизмҳои ҳимоя ба худмуҳофизатӣ, судӣ, ғайрисудӣ ва ҷамъиятӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

Аҳаммияти амалии навгонии диссертатсия махсусан дар пешниҳоди такмили Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки масъалаи тарзҳои ҳимояи ҳукуқ ба манзил дар моддаи алоҳида муқаррар карда шуда, ба Кодекс моддаи 71 бо номи «Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил» илова гардад. Мазмуни пешниҳод эътирофи ҳуқуқ, барқарор кардани ҳолати пешина, беэътибор донистан ё татбиқ накардани санадҳои мухолифи қонун, тағйир ё қатъ намудани муносибатҳои манзилӣ, худҳимоя, ҷуброни зиён ва дигар тарзҳои пешбининамудаи қонунгузориро фаро мегирад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо доираи нисбатан васеи сарчашмаҳо ва истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ таъмин гардидааст. Муаллиф усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқиро истифода намудааст.

Заминаи эмпирикии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳо, қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ, маърӯзаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва маълумоти оморӣ ташкил медиҳанд.

Хулосаҳои асосии муаллиф дар матни бобҳо пайдарпай асоснок шуда, баъдан дар қисми хулоса ва тавсияҳои амалӣ ҷамъбаст гардидаанд. Аз ҷиҳати мантиқӣ байни мақсад, вазифаҳо, сохтори таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда робитаи назаррас мавҷуд аст. Истифодаи таҳлили таърихӣ, муқоисаи қонунгузории як қатор давлатҳо ва баррасии таҷрибаи мақомоти миллии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил ба баланд гардидани арзиши илмии натиҷаҳо мусоидат кардааст.

**5. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳоди дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҳуқуқ ба манзил истифода карда шаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳоди дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлил ва хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ- ҳуқуқӣ ва соҳавӣ- ҳуқуқӣ маълумотҳо ва маводи нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳоди дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ҳуқуқ ба манзил, роҳҳо ва механизмҳои ҳифз намудани он бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи манзил ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда, истифода гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди тадриси фанни ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, курси махсуси механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ба таври васеъ истифода шуда метавонанд.

**6. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 186 саҳифаро ташкил медиҳад. Сохтори рисола ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, пайдарпайии масъалаҳои баррасишавандаро таъмин менамояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии

илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва интишороти илмӣ муайян ва шарҳ дода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия** таҳти унвони **«Тавсифи умумии ҳуқуқ ба манзил»** ба масъалаҳои таърихии ташаккул ва рушди ҳуқуқ ба манзил, инчунин мафҳум ва хусусиятҳои ин ҳуқуқ бахшида шудааст. Боб аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум **«Ташаккул ва рушди ҳуқуқ ба манзил дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик»** муаллиф пайдарпай давраҳои зардуштӣ, исломӣ, шӯравӣ ва соҳибистиқлолиро таҳлил менамояд. Дар оғози зербоб самти асосии таҳқиқ чунин ифода ёфтааст: «Ҳуқуқи инсон ба манзил дар таърихи халқи тоҷикон ҳамеша бо дигаргуниҳои иҷтимоӣ, сохтори идоракунӣ ва равандҳои иқтисодӣ зич алоқаманд буд. Ин ҳуқуқ дар тӯли асрҳо бо назардошти арзишҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва анъанаҳои динӣ тадриҷан шакл гирифтааст» (С. 17).

Муаллиф дар ин зербоб сарчашмаҳои давраи Авасто, давлатдории Ҳахоманишиён ва Сосониён, меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ дар давраи Сомониён, қонунгузории давраи шӯравӣ ва таҳаввули қонунгузории манзили Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ менамояд. Дар ҷамъбасти зербоб даврабандии муаллифии ташаккул ва инкишофи ҳуқуқба манзил пешниҳод гардидааст: «Бо назардошти аҳаммият ва ҷойгоҳи ҳуқуқ ба манзил дар низоми давлатдории тоҷикон дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ метавон ташаккул ва инкишофи онро ба чор марҳилаи асосӣ ҷудо намуд» (С. 41).

Ин даврабандӣ дар идома бо чор марҳилаи мушаххас – давраи зардуштӣ, давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ, давраи шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ – тавзеҳ дода шудааст. Аз нуқтаи назари назарияи таърихи ҳуқуқ, чунин ҷамъбаст барои низомнок намудани маводи фаровони таърихӣ аҳаммияти муайяни илмӣ дорад.

Зербоби дуюм **«Мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқ ба манзил»** ном дошта, ба масъалаҳои мафҳумӣ, табиати ҳуқуқӣ ва ҳудуди истилоҳи «манзил» бахшида шудааст. Муаллиф ҳуқуқ ба манзилро бо зиндагии шоиста ва маҷмуи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайваст намуда, чунин андешаро меорад: «Ҳуқуқ ба манзили мувофиқ ҷузъи ҷудонашавандаи консепсияи «дараҷаи зиндагии шоиста барои ҳама» маҳсуб мегардад. Ин ҳуқуқ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар гардида, унсури маҷмуи ҳуқуқҳоест, ки барои рушди озоди шахсият дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат менамояд» (С. 45).

Дар зербоби мазкӯр мафҳуми «манзил» дар қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи маданӣ, манзилӣ ва ҷиноятӣ, инчунин дар адабиёти илмӣ муқоиса карда мешавад. Муаллиф дар ҷамъбасти таҳлили мафҳумӣ ду гурӯҳи асосии

объектҳоро пешниҳод менамояд: «Мафҳуми «манзил» бо назардошти ду хусусияти асосӣ бояд чунин тарзи фаҳмишро дар бар гирад: 1. Манзилҳои дохилшуда ба фонди манзил. 2. Манзилҳои ғайрифонди манзил, вале барои истиқомат пешбинишуда» (С. 61).

Бо чунин тарзи масъалагузорӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки мафҳуми ҳуқуқии манзилро аз доираи танҳо моликияти расман бақайдгирифташуда васеътар шарҳ дода, истифодаи воқеии фазоро барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ низ ба назар гирад.

**Боби дуюми диссертатсия «Масъалаҳои назарӣ ва амалии такмили ҳуқуқ ба манзил»** ном дошта, мавқеи ҳуқуқ ба манзил дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои алоҳидаро фаро мегирад.

Дар зербоби якуми боби мазкур муаллиф ҳуқуқ ба манзилро ҳамчун ҳуқуқи иҷтимоӣ дар робита бо ҳуқуқ ба ҳаёт, шаъну шараф, дахлнопазирии манзил, интихоби маҳалли зист, моликият, мерос, оила, меҳнат, саломатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ таҳлил менамояд. Мавқеи ҷамъбастии муаллиф дар ин масъала чунин аст: «Дар маҷмуъ таҳлили анҷомдодашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тамоми ҳуқуқҳои инсон бо ҳам дар алоқамандии мутақобила қарор доранд ва ҷудо намудани онҳо ба аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа нодуруст мебошад» (С. 80).

Муаллиф дар идома таъкид менамояд, ки ҳуқуқ ба манзил танҳо дар ҳамбастагӣ бо ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, шахсӣ ва сиёсӣ пурра амалӣ шуда метавонад. Ин хулоса аз нуқтаи назари назарияи ягонагӣ ва тақсимнопазирии ҳуқуқҳои инсон қобили дастгирӣ мебошад.

Дар зербоби дуюм «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба манзил дар давлатҳои алоҳида» номгузорӣ шуда, дар он таҷрибаи Олмон, Фаронса, Испания, Италия, Туркия, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Беларус, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ҳадафи ин таҳлилро чунин муайян менамояд: «Таҳлил ва омӯзиши муқаррароти санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои қонунгузории давлатҳои ҷаҳон, махсусан давлатҳои шомили оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ ҷиҳати таъмини самараноки амалишавии ҳуқуқ ба манзил дар мамлакат ва ба ин васила такмили қонунгузории кишвар мусоидат менамояд» (С. 80).

Аз ҷумла, дар мисоли Ҷумҳурии Федеративии Олмон механизмҳои ҳифзи иҷорагирон, манзили иҷтимоӣ ва пешгирии бехонагӣ баррасӣ гардида, нишон дода мешавад, ки ҳатто дар сурати набудани муқаррароти мустақими конститутсионӣ, ҳуқуқ ба манзил метавонад, тавассути қонунгузории соҳавӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ таъмин гардад (С. 81).

Дар қисми амалии боби мазкур масъалаи дастрасии иқтисодии манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус таъкид шудааст. Муаллиф вазъи гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазирро таҳлил намуда, менависад: «Арзиши як метри мураббаъ манзил дар биноҳои навсохт, вобаста ба минтақа, сатҳи инфрасохтор ва навъи сохтмон, аз 5500 то 15000 сомонӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто бештарро ташкил медиҳад» (С. 102).

Дар асоси ин ҳолат муаллиф зарурати барномаҳои манзили иҷтимоӣ, субсидияҳои давлатӣ, қарзҳои имтиёзнок ва ҳавасмандгардонии бахши хусусиро барои сохтмони манзили дастрас асоснок менамояд (С. 102-103). Ин ҷанбаи таҳқиқот робитаи назарияро бо масъалаҳои воқеии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нишон медиҳад.

**Боби сеюми диссертатсия «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил»** ном дошта, ба кафолатҳои байналмилалӣ ва миллӣ, инчунин роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқба манзил бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми бобои мазкур «Кафолатҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқ ба манзил» муаллиф санадҳои универсалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсонро дар робита бо меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил мекунад. Дар натиҷаи таҳлил мафҳуми муаллифии ҳифзи байналмилалии ҳуқуқ ба манзил пешниҳод мешавад: «Ҳифзи байналмилалии ҳуқуқ ба манзил маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти универсалӣ ва минтақавӣ дошта, ки ҳуқуқ ба манзили шахс ва ухдадориҳои давлатҳоро оид ба муқаррар намудани ин ҳуқуқ дар амал кафолат медиҳанд, мебошад» (С. 109).

Дар ин зербоб Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймонҳои байналмилалӣ, санадҳои дигари Созмони Милали Муттаҳид, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси манзил, Кодекси маданӣ, Кодекси шаҳрсозӣ, Кодекси замин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил шудаанд. Муаллиф дар ҷамъбасти зербоби мазкур таъмини эҳтиёҷмандон бо манзили иҷтимоӣ, таъсиси фонди манзили иҷтимоӣ, дастрас гардонидани қарзҳои бонкӣ ва такмили фаъолияти сохторҳои манзилӣ ва коммуналиро пешниҳод менамояд (С. 122).

Зербоби дуюми боби мазкур «Роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил» ном дошта, яке аз қисматҳои муҳимтарини диссертатсия ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар ин қисмат фарқ ва ҳамбастагии мафҳумҳои «ҳифз» ва «ҳимоя»-ро баррасӣ намуда, василаҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояро таҳлил мекунад. Дар идома таърифи муаллифии механизмҳои ҳимоя пешниҳод шудааст: «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил гуфта, роҳу воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи онро меноманд, ки дар асоси шаклҳои муайян (судӣ, ғайрисудӣ ва ҷамъиятӣ) аз ҷониби субъектони дахлдор (мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва худи шахс) ба роҳ монда шуда,

чиҳати таъмини воқеии ҳуқуқи шахс ба манзил мусоидат менамоянд» (С. 128).

Муаллиф пас аз муқоисаи муқаррароти Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси манзили Федератсияи Россия ба хулоса меояд, ки дар қонунгузории миллии манзилӣ тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил бояд бевосита муқаррар карда шаванд. Пешниҳоди мушаххас чунин ифода ёфтааст: «Бо ин назардошт пешниҳод мегардад, ки ба Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $7^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $7^1$. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил»** (С. 133).

Мазмуни моддаи пешниҳодшуда ҳашт тарзи ҳимояро дар бар мегирад: эътирофи ҳуқуқ ба манзил; барқарор намудани ҳолати пешина; беэътибор донистани санади ҳуқуқвайронкунанда; татбиқ накардани чунин санад; қатъ ё тағйир додани муносибатҳои манзилӣ; худҳимоя; ҷуброни зиён ва дигар тарзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ.

Дар идома муаллиф механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро ба чор гурӯҳи калон тақсим мекунад – худмуҳофизатӣ, механизмҳои судӣ, механизмҳои ғайрисудӣ ва механизмҳои ҷамъиятӣ. Нақши ҳокимияти судӣ дар ин низом махсус таъкид шудааст: «Нақши ҳокимияти судӣ ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ба манзили шаҳрвандон аввалиндараҷа ва меҳварӣ буда, дар низоми механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқ ба манзил он ҷойгоҳи махсус ва марказиро ишғол менамояд» (С. 136).

Дар зербоби мазкур, инчунин фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, прокуратура, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, адвокатура, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма ҳамчун механизмҳои ғайрисудӣ ва ҷамъиятии ҳимоя таҳлил карда шудааст. Ин тарзи таҳқиқ ба муаллиф имкон додааст, ки механизми ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро на танҳо аз дидгоҳи судӣ, балки ҳамчун низоми бисёрсатҳа арзёбӣ намояд.

**Хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, 12 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод менамояд. Дар онҳо даврабандии таърихӣ, хусусиятҳои мафҳуми манзил, тораҳои рушди манзили иҷтимоӣ, мафҳуми ҳифзи байналмилалӣ, фарқи ҳифз ва ҳимоя, таърифи механизмҳои ҳимоя ва гурӯҳбандии онҳо инъикос гардидаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** ба пешниҳоди такмили Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд. Муаллиф матни пурраи моддаи пешниҳодии $7^1$-ро оварда, тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро мушаххас менамояд. Ин пешниҳод яке аз натиҷаҳои дорои самти мустақими ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

**7. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот.** Дар мукаммал намудани донишҳои назариявӣ оид ба табиати ҳуқуқ ба манзил, давраҳои ташаккули он, ҷойгоҳ

дар низоми ҳуқуқои инсон ва механизмҳои ҳимоя ифода меёбад. Натиҷаҳои рисола метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи фанҳои таълимии назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи манзил истифода шаванд.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия.** Бо имконияти истифодаи хулоса ва пешниҳод дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, такмили қонунгузории манзил, фаъолияти судҳо, прокуратура, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар мақомоти ваколатдор вобаста мебошад. Пешниҳоди иловаи моддаи махсус дар бораи тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил дорои самти равшани амалӣ мебошад.

**Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.** Дар он зоҳир мегардад, ки такмили механизмҳои манзили иҷтимоӣ, қарзҳои имтиёзнок, дастрасии аҳолӣ ба манзил ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муносибатҳои сохтмонӣ метавонад ба устувории иҷтимоӣ, баланд шудани сатҳи зиндагӣ ва коҳиши хатарҳои баҳсҳои молумулкӣ мусоидат намояд.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишорот самтҳои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, тасвиби натиҷаҳои илмиро таъмин менамоянд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Ҷумъахони, С.Л. Ҳуқуқи инсон ба манзил: асосҳои танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ [Матн] / С.Л. Ҷумъахони // Идоракунии давлатӣ. Бахши илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – 2023. – №4/2 (64). – С. 324-332. ISSN2664-0651.

**[2-М].** Ҷумъахони, С.Л. Роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил [Матн] / С.Л. Ҷумъахони // Қонунгузорӣ. – 2024. – №3 (55). – С. 18-29. ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Ҷумъахони, С.Л. Ҷойгоҳи ҳуқуқ ба манзил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / М.К. Мазарифов., С.Л. Ҷумъахони // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №6 (1). – С. 233-239. ISSN2413-5151.

**[4-М].** Ҷумъахони, С.Л. Ташаккул ва рушди ҳуқуқ ба манзил дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ [Матн] / С.Л. Ҷумъахони // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – С. 305-314. ISSN-2413-5151.

**[5-М].** Раҳмон, Д.С., Ҷумахони, С.Л. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба манзил дар давлатҳои алоҳида [Матн] / Д.С. Раҳмон, С.Л. Ҷумахони // Қонунгузорӣ. – №4(60). – 2025. – С. 192-199. ISSN 2410-2903.

**[6-М].** Якубзода, С.Н., Ҷумахони, С.Л. Танзими ҳуқуқии тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Н. Якубзода, С.Л. Ҷумахони // Қонунгузорӣ. – №4(60). – 2025. – С. 200-207. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Ҷумъахони, С.Л. Мафҳум ва хусусиятҳои манзил: таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / С.Л. Ҷумъахони // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи 186 муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» (1-2 декабри соли 2023, ш. Душанбе). – С. 441-454.

**[8-М].** Ҷумъахони, С.Л. Кафолатҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқ ба манзил [Матн] / Д.С. Раҳмон, С.Л. Ҷумъахони // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (4 ноябри соли 2024, ш. Кӯлоб). – С. 106-114.

**[9-М].** Ҷумъахони, С.Л. Падидаи ҳуқуқ ба манзил ва инъикоси он дар таърихнигории таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик [Матн] / С.Л. Ҷумъахони // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Фарҳанги сулҳофарии Пешвои миллат – заминаи эҳёи Ваҳдати миллӣ ва бақои Истиқлоли давлатӣ» бахшида ба 28-солагии Ваҳдати миллӣ ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб 21 июни соли 2025). – С. 183-186.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи корҳои илмии дараҷаи номзадӣ.** Диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои сохтори муназзам, мазмуни ягона ва пайдарпайии мантиқии дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ, инчунин натиҷаҳои дар интишороти илмӣ ва маърузаҳои конференсияҳои илмию амалӣ инъикосгардида саҳми шахсии муаллифро дар анҷом додани таҳқиқот тасдиқ менамоянд.

**Автореферати диссертатсия**, ки аз мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд, муҳтавои асосӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Бо вуҷуди арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот,** дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва нуктаҳое ҷой доранд, ки метавонанд, мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гиранд:

1. Дар масъалаи мафҳуми «манзил» як номувофиқии дохилии таҳририӣ-назариявӣ ба назар мерасад. Дар саҳифаи 61 муаллиф менависад, ки «манзил бояд танҳо он биноҳо ва объектҳои ёрирасонро дар бар гирад, ки ... воқеан ба фонди манзил дохиланд», аммо дар саҳифаи 61 ба мафҳуми манзил «манзилҳои ғайрифонди манзил, вале барои истиқомат пешбинишуда»-ро низ дохил менамояд. Барои якмаъно гардидани хулосаи муаллифӣ ин ду мавқеъ бояд мувофиқ ва аз лиҳози истилоҳӣ дақиқ карда шаванд. Бинобар ин, унвонҷӯро зарур аст, ки ин масъаларо дар вақти ҳимояи кушоди диссертатсия иброз намояд.

2. Дар саҳифаи 75 ифодаи «Ҳуқуқ ба манзил ба маънои ҳуқуқи мутлақи шаҳрвандон мебошад» истифода шудааст. Бо назардошти он ки дар дигар қисматҳои диссертатсия амалӣ гардидани ин ҳуқуқ ба имкониятҳои иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва механизмҳои ҳуқуқии давлат вобаста дониста мешавад (масалан, саҳ. 104), мафҳуми «мутлақ» ниёз ба тавзеҳи иловагии доктриналӣ дорад, то он бо ҳуқуқҳои мутлақ ба маънои махсуси назарияи ҳуқуқ омехта нашавад. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф мавқеи илмии худро нисбат ба масъалаи мазкур ҳангоми ҳимояи кушоди рисола мушаххастар баён намояд.

3. Зербоби дуюми боби дуюм доираи васеи давлатҳоро фаро мегирад (саҳ. 80-81 ва минбаъд), ки аз ҷиҳати фарогирӣ бартарӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавӣ дар баъзе ҷойҳо бештар хусусияти тавсифӣ дорад. Агар меъёрҳои ягонаи муқоиса – масалан, сатҳи кафолати конститутсионӣ, манзили иҷтимоӣ, ҳифзи иҷорагир, механизмҳои судӣ, маҳдудияти кӯчонидан ва дастгирии молиявӣ – пешакӣ муайян ва дар ҷамъбаст ба таври низомнок муқоиса мешуданд, натиҷаҳои ин зербоб боз ҳам возеҳтар мегардиданд.

Камбудиҳо ва мулоҳизаҳои зикршуда асосан хусусияти мубоҳисавӣ, таҳририӣ ва такмилдиҳанда дошта, ба навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва арзиши умумии диссертатсия таъсири манфии ҷиддӣ

намерасонанд. Баръакс, онҳо метавонанд, ҳамчун самтҳои идомаи таҳқиқот ва такмили минбаъдаи натиҷаҳои илмии муаллиф хизмат намоянд.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифи диссертатсия Ҷумъахони Саидшои Латифзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Сино
Тел.: (+992) 918611853 E-mail: rrm_67@mail.ru

Имзои Раҷабзода Р.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
телефон: +992 (37) 224-17-86
E-mail: info@apa.tj http://www.avkd.tj

Аз «31» 08 2026 с.